*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзуи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар муҳтавои таҳқиқот, объекти таҳқиқот масъалаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ба таври мушаххас оварда шудааст, ки он ба бандҳои 10.1, 10.3, 10.5, 10.7, 10.8-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Имрӯзҳо тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат бидуни фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувор ва, алалхусус, саноатикунонии босуръати кишвар ғайриимкон аст. Ин вазъи мусоид ба бомаром инкишофёбии нишондиҳандаҳои сатҳу сифати субъектони хоҷагидор, ки дар умум ба болоравии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ нигаронида шудааст, мусоидат мекунад. Илова бар он, иқтисодиёти миллӣ, ки дорои иқтидорҳои иҷтимоӣ, хоҷагидорӣ, захиравӣ ва экологӣ мебошад, бояд бо такрористеҳсоли устувор, мутавозин ва бисёромила фаро гирифта шавад. Чунин ҳолат дар иқтисодиёт, пеш аз ҳама, тавассути баланд бардоштани фаъолнокӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ имконпазир аст.

Дар вазъияти шиддатнокишавии рақобати бозорӣ, ташаккул ва татбиқи захираҳои нави баландбардории устувории иқтисодиёти миллӣ бештар дар асоси банақшагирии дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодӣ имконпазир мебошад. Дар доираи банақшагирии стратегӣ ва татбиқи фаъолияти босамари сармоягузорӣ, инчунин, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва мамлакат, дар маҷмуъ, чун омили калидии рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни кишвар ва, алалхусус, соҳаи саноат дар алоҳидагӣ арзёбӣ мегардад.

Инкишофи соҳаҳои гуногуни маҷмааи хоҷагидорӣ тавассути лоиҳаҳои сармоягузорӣ на танҳо ба рушди иқтидори иқтисодиёти миллӣ, балки ба болоравии сифат ва дараҷаи зисти аҳолии он боис мегардад. Ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар бисёр

маврид аз суръат ва фаъолнокии равандҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Воқеан, идоракунӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо муаммоҳои норасоии анъанавии манбаъҳои маблағгузорӣ барои лоиҳаҳо, самаранокии пасти истифодаи маблағҳои инвеститсионӣ, бархӯрди манфиатҳои молиявӣ-иқтисодии тарафҳои гуногун, ки дар лоиҳа иштирок мекунанд, дучор мегардад. Ин ҳолат бо сабаби номукаммалии механизмҳои ташаккул ва амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он бештар шиддат мегирад.

Бинобар ин, такомули шакл, усул ва механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ шарти баланд бардоштани самаранокии амалӣ намудани стратегияи бомуваффақияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- дар асоси таҳлили амиқи мафҳум ва категорияи «фаъолияти сармоягузорӣ» хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд;

- тавассути ташкил ва амалинамоии барнома ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, ҳамчунин, беҳтарсозии фазои дохилию берунии муҳити фаъолияти сармоягузорӣ усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат муайян карда шудаанд;

- дезагрегатсияи мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа бо истифода аз меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ гардидаанд;

- ҷанбаҳои методологӣ ва муаммоҳои идоракунии раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ошкор гардида, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат пешниҳод гардидаанд;

- нишондиҳандаҳои тамоюл ва имконоти тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои истифодабарии он барои гурӯҳбандии минтақаҳо аз нуқтаи назари рушди саноат асоснок ва муайян карда шудаанд;

- усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути татбиқи Барномаи миёнамуҳлати сармоягузориҳои давлатӣ, ки усули муҳими идоракунӣ дар ноил гардидан ба мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад ва ба инобат гирифтани таъсири хавф ҳангоми татбиқи онҳо, ки воситаи асосии идоракунӣ дар маблағгузорӣ ва татбиқи амалии вазифа дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад, нишон дода шудааст.

- дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ дар самти саноат, ки бештар ба рушди инфрасохтори саноатӣ тааллуқ дорад ва камтар ба назар мерасад, нишон дода шудааст;

- дар асоси таҳлили якчанд нишондиҳандаҳо вазъи ҳозираи раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳои кишвар муайян карда шуд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои бештар самаранок истифода бурдани иқтидори минтақаҳо, баланд бардоштани ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат дар ҳар як минтақаи кишвар Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат бояд созмон дода шуда ва фаъолияти он бо Шӯроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузории амалкунанда ҳамоҳанг карда шавад;

- асоснок гардидааст, ки бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, бо назардошти иерархияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ва зиёд намудани ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат зарур аст, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат таҳия ва қабул карда шавад;

- ошкор карда шудааст, ки ҷорӣ намудани механизми дусатҳаи идоракунӣ имкон медиҳад, ки самтҳои стратегии амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шаванд. Бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ҳаҷми сармоягузорӣ ва маҳсулоти саноатии кишвар барои давраи то соли 2030 пешбинӣ карда шудааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар асоси муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва таъмини афзоиш ва такмили сохтори сармоягузорӣ хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат муайян карда шудаанд;

- ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат бо воситаи истифодаи усулҳои барномавӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ-молиявӣ, хавф ва кафолатнокии давлатӣ асоснок карда шудааст;

- дезагрегатсияи мафҳуми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ пешниҳод гардида, гурӯҳбандӣ карда шудаанд;

- муаммоҳои рушди соҳаи саноат нишон дода шуда, татбиқи принсипи саноатикунонӣ дар рушди стратегии кишвар тавассути эълони ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат асоснок карда шудаанд;

- нишондиҳандаҳои муайянкунандаи тамоюли тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он аз рӯи сатҳи рушди саноат ҷудо карда шуда, гурӯҳбандӣ гардидаанд;

- муайян карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД) ҳамчун усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди бахши инфрасохтор барои саноатикунонии босуръати мамлакат бо назардошти хавфҳои

сиёсӣ, амалиётӣ, асъорӣ ва молиявӣ ҳамчун воситаи кафолати давлатӣ ҳангоми ҷалби сармояҳо баромад мекунад;

- нишон дода шудааст, ки саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори саноати коркард бояд бештар пешниҳод карда шаванд;

- ҳолати кунунии раванди саноатикунонии минтақаҳои кишвар (Суғд ва Хатлон) таҳлил гардида, самти афзалиятнокии онҳо нишон дода шудаанд;

- бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат зарурияти таҳия ва қабули Барномаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаи саноат, ҳамчун воситаи банақшагирии индикативӣ дар доираи усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ пешниҳод гардидааст;

- ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ – механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки зарурияти объективӣ дорад ва дар ин ҷо (тадқиқоти мазкур) якчанд самтҳои ҳадафноки стратегии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат нишон дода шудааст, асоснок гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар, бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ ва мантиқӣ, институтсионалӣ, индуксия-дедуксия ва динамикӣ, ҳамчунин, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ тасдиқ мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 07.02.2023, №19-250), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 17.02.2023, №2-1г/58), Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ (санади татбиқ аз 15.02.2023, №10/И-с) ва дар раванди тадрис дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (натиҷаҳои таҳқиқот аз 06.02.2023, №01/48) пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ-методологии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати

иқтисодиёти кишвар роҳандозӣ гардидаанд. Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар раванди идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ба инобат гирифта шаванд.

Маводи таҳқиқотиро ҳангоми хондани лексия оид ба курси сармоягузории байналмилалӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, менеҷменти молиявӣ, муносибатҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ, инчунин, ҳангоми хондани маърузаҳо дар курси махсус оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръат ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар корбарӣ кардан мумкин аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ба муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва муҳаққиқони мамолики дигар дар идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории саноат, баррасии масъалаи тавсеаи фазои саноатӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ 65 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидааст, ки 54 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Аз онҳо 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи "Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ", "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст ва "Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Сохтори диссертатсия** дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, 60 ҷадвал, 21 расм, хулосаву пешниҳодҳо иборат буда, бо истифода аз 337 сарчашма таҳия гардида, дар 393 саҳифаи компютерӣ омода карда шудааст.

Дар **муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот пешбинӣ гардидааст (саҳ. 5-22).

Дар боби якум **«Асосҳои назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат»** масъалаҳои лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун воҳиди ченаки ҳолати фазои сармоягузорӣ дар кишвар (саҳ. 23-44), усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии

ҷалби сармоягузорӣ ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат (саҳ. 44-66) ва дастгоҳи консептуалӣ ва гурӯҳбандии хавфҳои татбиқи механизми лоиҳаҳои сармоягузорӣ (саҳ. 66-84) омӯхта шудаанд.

Докторант дар рисолаи худ қайд намудааст, ки вазъи имрӯзаи саноат дар Тоҷикистон ба сармоягузории байналмилалӣ эҳтиёҷ дорад, бахусус, сармоягузории давлатӣ, ки нақши асосиро мебозад. Давлат ба бунёди лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ дар бахши саноат манфиатдор аст, зеро сатҳи пасти ҷолибияти сармоягузории мамлакат ва мавқеи ҷуғрофии он аз шароити номусоиди иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад (саҳ. 65).

Дар боби мазкур, аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки сиёсати давлатии сармоягузорӣ ҳамчун асоси фаъолияти иқтисоди инноватсионии он нақши калидиро мебозад. Дар шароити муосир, ҳангоми дар арсаи байналмилалӣ ҷорӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ ҳамаи давлатҳо хуб дарк намудаанд, ки рушди иқтисодиёти миллиро бе ҷалби технологияҳои баландсифат тасаввур кардан имконнопазир аст, аз ин рӯ, давлатҳои ҷаҳон, асосан, бо ба даст овардани неруи таҷҳизотҳои баланди технологӣ равона гардидаанд, ки ба рушди саноатикунонии босуръати ҳаёти хоҷагидорӣ мусоидат мекунанд. Бинобар ин, масъалагузории воридоти технологияҳои баландсифат бояд яке аз самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гардад (саҳ. 65).

Дар натиҷаи таҳлили назария ва мафҳумҳои дараҷаи хавфи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муаллиф чунин хулоса намудааст, ки таъсири хавф на аз ҳаҷми маблағҳо, балки аз лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда дар минтақаҳои кишвар ва аз захираҳои таъминнокии онҳо вобастагӣ дорад. Пеш аз татбиқгардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мамлакат ва минтақаҳо бояд маълумоти мукаммал мавҷуд бошад, ки ин метавонад таъсири хавфро дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ камтар намояд (саҳ. 83-84).

Дар боби дуюм **«Асосҳои методологӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун воситаи идоракунии раванди саноатикунонии мамлакат (саҳ. 85-103), ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат (саҳ. 103-126) ва зарурияти такмили сиёсати сармоягузорӣ дар стратегияи рушди саноат (саҳ. 126-143) мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, дар диссертатсия дар рафти омӯзиш дезагрегатсияи (тақсимкунӣ) мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ баррасӣ карда шудааст:

- дар сатҳи ҷумҳурӣ мафҳуми «лоиҳаи сармоягузорӣ» ҳамчун воситаи ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ ва барномаҳои рушд дар доираи усули идоракунии лоиҳавии ташаккулёбӣ ва татбиқӣ сиёсати давлатии фаъолияти сармоягузорӣ фаҳмида мешавад;

- дар сатҳи минтақа лоиҳаи сармоягузорӣ лоиҳаи дорои хусусияти молиявидошта мебошанд, ки аз тарафи маъмурияти минтақа дар асоси

таъминоти захиравӣ ва интихоб дар татбиқи афзалиятҳои институтҳои идоракунандаи минтақавӣ пешниҳод гардидааст (саҳ. 102).

Дар қисмати ин боб аз ҷониби докторант қайд шудааст, ки дар айни замон ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо кардааст, зеро сатҳи ҷамъшавии сармояи дохилӣ ба эҳтиёҷоти захираҳои сармоягузорие, ки барои барқарорсозии бахши воқеӣ ва таҷдиди азнавсозии сохтории кишвар заруранд, мувофиқат намекунад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҷалби сармояи хориҷӣ, асосан, ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак манбаи андозро васеъ намуда, ба манбаи иловагии даромади буҷети давлатӣ табдил меёбад. Дар баробари ин, истифодаи оқилонаи сармояи хориҷӣ ба рушди истеҳсолоти саноатӣ, интиқоли технологияҳои пешрафта, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо ва рушди минтақаҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бевосита ба мундариҷа ва механизми инкишофи раванди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад (саҳ. 124).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки такмили сиёсати давлатии сармоягузорӣ метавонад низоми муносиби идоракунии фаъолияти сармоягузориро таъмин намуда, шароити муносибро барои фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноати кишвар фароҳам оварад. Сиёсати давлатии сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳими устувории рушди иқтисодӣ мебошад. Он бояд ҳам танзими дохилии сармоягузорони ватанӣ ва ҳам ҷалби сармояи хориҷиро ба назар гирад (саҳ. 143).

Дар боби сеюм **«Таҳлили раванди сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф ба таҳлили вазъи кунунӣ ва баҳодиҳии тавсеаи фазоии саноатии кишвар (саҳ. 144-168), вазъи сармоягузорӣ ба раванди саноатикунонии босуръат дар шароити муосир (саҳ. 168-184) ва усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (саҳ. 184-206) таваҷҷуҳ намудааст.

Дар баробари ин, докторант қайд менамояд, ки барои ҳамворакунии тафовути ҳудудии рушди саноатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ қабули барномаҳои мукаммали стратегии давлатӣ, инчунин, дар минтақаҳо барои татбиқ намудани лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба он самтҳои афзалиятнок, ки минтақа иқтидори васеи онро вобаста ба таъминоти захиравӣ дорад, равона намудан зарур аст (саҳ. 167).

Диссертант дар асоси таҳлилҳо қайд менамояд, ки таҳлили мақсадҳо, механизм, воситаҳои танзимнамоии давлатии сиёсати сармоягузорӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо самаранок истифода намегарданд. Аз ин рӯ, истифодаи роҳи мақсаднокро ҳангоми ташаккулёбии сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар сатҳи давлатӣ мувофиқ меҳисобем. Роҳи системавӣ имконият медиҳад, ки сиёсати сармоягузорӣ ҳамчун ягонагии

ҳамбастагии компонентҳо: мақсад, маҳдудият, даромад, раванд ва баромад дида баромада шавад (саҳ. 181-182).

Муаллиф дар асоси таҳлили тамоюлҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории воқеӣ сарфи назар аз мавҷудияти тағйироти муайяни мусбӣ дар ин самт назди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалби сармоягузориҳо ба истеҳсолот, инчунин, зиёд кардани самараи иқтидори мавҷудаи истеҳсолии бахши саноат мушкилоти калон вуҷуд доштанро қайд менамояд (саҳ. 205).

Дар боби чорум **«Хусусиятҳои татбиқи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро ҳамчун воситаи ҳамворакунии рушди ҳудудии саноатикунонии босуръати минтақаҳо (саҳ. 207-232), хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои Душанбе ва НТМ (саҳ. 232-246) ва хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ (саҳ. 246-272) мавриди таҳлил қарор додааст.

Диссертант бамаврид қайд менамояд, ки лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мувофиқ дониста мешаванд, агар самаранокии иҷтимоӣ аз маблағҳои гузоштташуда дар он ба натиҷаҳое, ки бо паст шудани сатҳи ҳамворакунии рушди ҳудудии саноатикунонии босуръати минтақаҳо алоқаманд аст, оварда расонад (саҳ. 231).

Муаллиф дар асоси таҳлили қисматҳои индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар минтақа, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саноат, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақа, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар минтақа ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар қайд менамояд, ки нишондиҳандаҳои мазкур бо ҳам тавъам мебошанд ва дар саноатикунонии босуръати иқисодиёти мамлакат мусоидат менамоянд (саҳ. 245-).

Докторант пешниҳод менамояд, ки барои ҳамоҳангсозии бахши давлативу хусусӣ ва паҳн намудани усули лоиҳавӣ дар идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ таъсис додани Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат назди мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур мебошад. Фаъолияти он бо фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба соҳибкорию сармоягузорӣ, ба хусус, дар самти коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа ҳамоҳанг карда шавад. Дар диссертатсия хулосабардорӣ карда шудааст, ки принсипи ҳамоҳангсозӣ бояд ҳамчун принсипи асосии идоракунии тавсеаи фазои саноатии кишвар баромад намояд (саҳ. 269-270).

Дар боби панҷум **«Такмилдиҳии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** диссертант роҳҳои баланд бардоштани сифат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат (саҳ. 273-295), механизми дусатҳаи идоракунии татбиқии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 295-309) ва самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи

саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро (саҳ. 309-326) асоснок намуда, пешниҳод кардааст.

Докторант дар асоси механизми раванди таҳлили амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мамлакатҳои ҳамҷавор дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо омӯзиши татбиқгардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок таъсиси Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатро пешниҳод намуда, дар доираи он ташкил ва амалӣ намудани «Харитаи роҳнамо»-ро барои самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории саноатӣ асоснок кардааст (саҳ. 293-294).

Диссертант дар кори дисертатсионии худ пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро таъсис додан лозим аст, ки дар он ҳадафҳои иерархиявии рушди сармоягузории мамлакат дар умум ва дастгирии сармоягузории минтақаҳо муттаҳид карда шавад. Ин барои равона намудани сармоягузориҳои калон дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъминокии захиравии минтақа имконият медиҳад, ки ба такмил додани иқтидори бартарии иқтисодиёти мамлакат, фароҳам овардани шароити зарурии зиндагӣ ва меҳнати аҳолӣ ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мусоидат менамояд (саҳ. 305).

Ба андешаи муаллиф, таҳлили омилҳои ба ҷалби сармоягузориҳо алоқаманд бо истифода аз усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ зарур буда, имкон медиҳад, ки барои ташаккули он тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод андешида шаванд. Усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ бо истифода аз формулаҳо, муодилаҳои математикӣ, инчунин, бо назардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба кори объект таъсир мерасонанд, таҳия карда шудаанд (саҳ. 319). Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ аз тарафи муаллиф дар расмҳои 5.5. ва 5.6.ояндабинии ҳаҷми сармоягузориҳо барои солҳои 2023-2030 (саҳ. 324) ваояндабинии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ барои солҳои 2023-2030 (саҳ. 325) асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Дар асоси омӯзиши мушкилот дар самти идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ унвонҷӯ хулоса ва пешниҳодҳои ҷолиби диққатро таҳия кардааст, ки онҳо ба рушди саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо дорад. Аз шумораи инҳо:

1. Мафҳумҳои “сиёсати сармоягузорӣ”, “ҷолибияти сармоягузорӣ”, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод шудаанд, дар зербобҳои 1.1, 1.2, 2.1 ва 3.1 мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Хуб мешуд, агар мазмун ва мундариҷаи ин категорияҳо дар як зербоби алоҳида бо дарназардошти пайдарпайи мантиқӣ омӯхта ва таҳлил карда мешуд;

2. Ҳангоми омӯзиши масъалаи гурӯҳбандии хавфҳои татбиқи механизми лоиҳаҳои сармоягузорӣ (зербоби 1.3) мебоист худи масъалаи

механизми идоракунӣ ва амалигардони (татбиқ)-и лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳқиқ карда мешуд;

3. Дар саҳифаи 88-и диссертатсия фикри муаллиф оид ба "ҳолати ба назар гирифта нашудани хавф ҳангоми татбиқи лоиҳа" такрор шудааст. Бар замми ин, байни ин фикр ва ақидаҳои пешинаи муаллиф бобати "... ба назар гирифта шудани хавф ҳангоми таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ" зиддият дида мешавад;

4. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар унвонҷӯ таҷрибаи кишварҳои хориҷиро оид ба самаранокӣ ва ғайрисамаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар таҳқиқоти худ нишон медод;

5. Ҳаҷми воридоти сармояи хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.3, саҳ. 156-и дисс. таҳлил намуда, муаллиф сол аз сол камшавии онро мушоҳида намуд. Ӯ чунин хулоса намудааст, ки сабаби асосии ин ҳолат тафовути сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҳудудии минтақа ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат бо ягон далел ва ё рақам асоснок нагардидааст. Дар ин ҷода (самт), дигар омилҳо вуҷуд доранд, ки муаллиф мебоист онҳоро ба таври мушаххас таҳлил ва баррасӣ намояд;

6. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назарҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Сафоев Абдумаҷид Каримович ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқ ба талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардида, баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта ва муаллифи он Сафоев Абдумаҷид Каримович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17-ум микрорайон, хонаи 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
Web: http://tsulbp.tj; E-mail: bobojonovd@rambler.ru,
Телефон: + (992) 342223811; +(992) 927734646

ДДҲБСТ
имзои д.и.и., профессор Бобоҷонов Д.Д.
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо Мирпочоев И.Х.